Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

11 сентябри соли 2002. Чоршанбе № 70 (12812)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.


## Муборакбодиҳои самимона

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,
аз номи халқи Украина ва шахсан аз номи худам дархостҳои гарму ҷӯшон ва муборакбодиҳои самимонаамро дар мавриди Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул фармоед.

Иҷозат фармоед дилпуриро дар ин бобат изҳор кунам, ки муносибатҳои дӯстонаи байни Украина ва Ўзбекистон дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангӣ минбаъд ба хотири фаровонии давлатҳои мустақиламон рушду таҳким меёбанд.

Ба Шумо, Ислом Абдуғаниевичи азиз, тани сиҳҳати қавӣ, комёбиҳоро дар фаъолияти давлатиатон, ба халқи бародари ўзбек бошад, сулҳу осоиш, пешрафт ва фаровониро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром Леонид КУЧМА,**
**Президенти Украина.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич!
Муборакбодиҳои самимонаамро дар мавриди иди миллӣ—Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул фармоед.

Мехостам бо қаноатмандӣ зикр намоям, ки дар солҳои истиқлол Ўзбекистон дар кори таҳким бахшидани соҳибихтиёрӣ, якпорчагии ҳудуд, мӯътадилӣ ва амнияти давлат ба натиҷаҳои мусбии назаррас ноил гардид.

Мӯътақид ҳастам, ки муносибатҳои мавҷудаи дӯстона байни мамлакатҳоямон, ки асосашро эҳтироми байниҳамдигарӣ ва шарикӣ ташкил медиҳад, минбаъд низ ба хотири манфиатҳои халқҳоямон бомуваффақият инкишоф меёбад.

Ба Шумо, мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, тандурустӣ ва комёбиҳоро дар ҳамаи корҳоятон, ба халқи ўзбек-бахту саодат ва шукуфониро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром**
**Нурсултон НАЗАРБОЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,
Шумо ва дар шахсияти Шумо тамоми халқи Ўзбекистони бародариро бо иди миллӣ—Рӯзи истиқлолият самимона муборакбод менамоям. Дар ин рӯз ҷиҳати собитқадамӣ ва мӯътадилии муносибатҳо байни Туркманистон ва Ўзбекистонро қайд карданӣ ҳастам, ки дар пойгоҳи баробарӣ, эҳтирому боварии байниҳамдигарӣ инкишоф меёбад. Дархости самимонаамро дар бобати тандурустии қавӣ, хушбахтӣ, комёбиҳои нав дар вазифаи сарвари Ўзбекистон қабул фармоед. Мехостам дархостамро оиди сулҳу осоиш, шукуфонӣ ва бахту саодат ба тамоми халқи бародари ўзбек расонед.

**Бо камоли эҳтиром**
**Сафармурод НИЁЗОВ,**
**Президенти Туркманистон.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Аълоҳазрат,
Дар мавриди иди фархундаву барои ҳар як ўзбек азиз—Рӯзи истиқлолияти Ўзбекистон муборакбодии самимонаам ва эътимодамро дар бобати эҳтироми калон ва ҳисси дӯстонаи тағйирнаёбанда қабул фармоед.

Ўзбекистони соҳибистиқлоли пурқувват, ки маҷмӯи хоҷагии халқи муназзам инкишофёбандаро молик аст, яке аз мамлакатҳои аз ҳама баобрӯи Авроосиё ба ҳисоб меравад ва аз мавқеи он вазъи сиёсӣ дар минтақа вобастагӣ дорад.

Дилпуриамро дар ин бобат изҳор карданӣ ҳастам, ки ҳамкории пурсамар ва ба ҳамдигар муфиди байни Ўзбекистон ва Гурҷистон минбаъд низ муназзам инкишоф меёбад.

Ба Шумо ва ба ҳамватанонатон хушбахтӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам.

**Бо камоли эҳтиром**
**Эдуард ШЕВАРДНАДЗЕ,**
**Президенти Гурҷистон.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Аълоҳазрат,
Аз номи халқи Литва ва шахсан худам Шумо ва халқи Ўзбекистонро бо Рӯзи истиқлолияти мамлакататон самимона муборакбод менамоям.

Ман аз ба забон гирифтани он чиз хурсанд ҳастам, ки муносибатҳои мутақобилаи хубу ба ҳамдигар муфид байни мамлакатҳо ва халқҳоямон ба роҳ монда шудаанд. Иҷозат фармоед дилпуриамро дар ин бобат изҳор кунам, ки ҳамкорӣ байни Литва ва Ўзбекистон минбаъд низ дар ин рӯҳ вусъат меёбад. Аълоҳазрат, эҳтироми калони нисбататон доштаамро қабул фармоед.

**Бо камоли эҳтиром**
**Вайра ВИКЕ-ФРЕЙБЕРГ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Литва.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,
Муборакбодии самимонаву гарму ҷӯшонамро дар мавриди иди миллии Ҷумҳурияти Ўзбекистон—Рӯзи эълон гардидани истиқлолият ва дархостҳоямро дар бобати ба Шумо ва дар шахсияти Шумо ба тамоми халқи бародари ўзбек оиди сулҳу салоҳ, фаровонӣ ва шукуфонӣ қабул фармоед.

Мӯътақид ҳастам, ки саъю кӯшиши Шумо, фаъолияти пурсамаратон дар вазифаи масъули сарвари давлат ва роҳи ислоҳоте, ки таҳти сарпарастии Шумо амалӣ гардонда мешавад, ба таҳкими минбаъдаи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон, пурзӯр гардидани мавқеи он дар арсаи байналхалқӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагонии халқ мусоидат мекунад.

Дилпуриамро дар ин бобат изҳор карданӣ ҳастам, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории ба ҳамдигар муфид байни Молдова ва Ўзбекистон минбаъд низ таҳким меёбад ва ба хотири манфиатҳову фаровонии халқҳои мо муназзам инкишоф меёбад.

Иҷозат фармоед ба Шумо, мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, тандурустии қавӣ ва комёбиҳои калонро дар бобати ба рӯи об баровардани тамоми мақсадҳо ва саъю кӯшишатон баён кунам.

**Бо камоли эҳтиром**
**Владимир ВОРОНИН,**
**Президенти Ҷумҳурияти Молдова.**

### Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон

Мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич,
Аз номи халқи Белорус ва шахсан аз номи худ муборакбодиҳои самимонаамро дар мавриди иди миллӣ—Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ўзбекистон қабул фармоед.

Дар ин бобат мӯътақид ҳастам, ки ҳамкории ба ҳамдигар муфиде, ки байни мамлакатҳоямон ба вуҷуд омадааст, ба хотири фаровонии халқҳои Белорус ва Ўзбекистон минбаъд низ рушду таҳким меёбад.

Ба Шумо, мӯҳтарам Ислом Абдуғаниевич, тани сиҳҳати қавӣ, хушбахтӣ, ба халқи ўзбек—сулҳу салоҳ ва бахту саодатро таманно дорам.

**Александр ЛУКАШЕНКО,**
**Президенти Ҷумҳурияти Белорус.**

## Имзои ҳуҷҷат

Дар Тошканд байни Ҳукумати Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ созишнома дар бораи дар мамлакати мо таъсис намудани миссияи ташкилоти мазкур ба имзо расид. Ба ҳуҷҷат вазири молияи Ўзбекистон Мамаризо Нормуродов ва намояндаи доимии минтақавии Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ дар Осиёи Марказӣ Гортон Де Монд имзо гузоштанд.

Чуноне ки аз Вазорати молия хабар доданд, мувофиқи созишномаи мазкур миссияи Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ дар Тошканд мақоми расмии мустақилро соҳиб мегардад. Расман таъсис гардидани миссия имкониятро ба Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ дар бобати вусъат додани фаъолият дар Ўзбекистон, аз он ҷумла, иштироки фаъолона дар бобати ҷонибдории соҳибкории хурду миёна дар мамлакатамон фароҳам меоварад. Ва он табиист, ки ба рушди ҳамкории ҳамаҷониба байни Ўзбекистон ва Корпоратсияи байналхалқии молиявӣ мусоидат менамояд.

**(ЎзА).**

## Дӯстӣ ва ҳамкорӣ боз ҳам таҳким меёбад

**Халқҳои ўзбек ва қазоқро риштаҳои қадимаи дӯстӣ ва бародарӣ алоқаманд гардондааст. Ҳамчунин нуктаи назари ягона нисбати вазифаҳои дурнамои ин ду халқ аҳамияти муҳим касб менамояд, ки забонашон, динашон, фарҳангашон ва таърихашон як мебошад.**

**Гуфтан зарур аст, ки минбаъда вусъат додани ҳамкорӣ, сафарбар кардани нерӯи иқтисодии истифодабурданашуда, ба анҷом расидани делимитатсияи сарҳадҳои давлатӣ байни Қазоқистон ва Ўзбекистон вазифаи умда мебошад.**

Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 9 сентябр мувофиқи таклифи Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба пойтахти ин мамлакат ташриф овард. Дар майдони ҳавоии Остона, ки бо байрақҳои давлатии ду мамлакат оро дода шуда буданд, меҳмони воломақомро Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев пешвоз гирифт.

Дар Қасри Президенти Ҷумҳурияти Қазоқистон сӯҳбати рӯ ба рӯи Ислом Каримов ва Нурсултон Назарбоев ба амал омад. Баъд гуфтушунидҳо дар таркиби васеъ давом дода шуданд.

Ҷонибҳо оид ба рушди минбаъда ва ба дараҷаи нав баланд бардоштани ҳамкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мубодилаи афкор намуданд. Аз он ҷумла, аҳду паймон дар бобати гузарондани Рӯзҳои фарҳанг ҳосил гардид. Дар рафти гуфтушунидҳо ҳамчунин сухан дар бораи пурзӯр кардани ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисодӣ, вусъат додани ҳаҷми муовизаи мол байни ду мамлакат рафт. Дар нимаи якуми соли 2002 ин нишондиҳанда ба 124 миллион доллари ИМА баробар гардидааст.

Сарвари Ўзбекистон таклифро дар бобати муттаҳид кардани нерӯҳо дар ин соҳа пеш гузошт. Қазоқистон ин таклифро ҷонибдорӣ намуд. Сохтмони роҳи автомобилгарди Қӯнғирот-Бейнав-Оқтов барои халқҳои бародар дар бобати вусъат додани нерӯи воридотиву содиротии ҳар ду мамлакат қулаиҳои зиёдеро фароҳам меоварад.

Мувофиқи мақсад будани аз тарафи сарвари Ўзбекистон пешкаш гардидани ташаббус дар бобати созмон додани минтақаи аз силоҳи ядроӣ орӣ дар Осиёи Марказӣ ва аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ кардани он, пешгирӣ кардани муаммоҳои экологӣ, гузарондани анҷуман бахшида ба ин масъалаҳо дар шаҳри Семипалатинск таъкид гардид. Зеро дар замони режими тоталитарӣ маҳз дар ҳамин минтақа озмоишҳои ядроӣ гузаронда шуданд. Оқибатҳои он гарон мебошанд.

Дарозии сарҳад байни Ўзбекистон ва Қазоқистон 2440 километрро ташкил медиҳад. Даҳ моҳ муқаддам аҳду паймон дар бобати делимитатсияи сарҳадҳои давлатӣ ҳосил гардид. Дар фурсати кӯтоҳ корҳои зиёде ба иҷро расонда шуданд. Дар рафти сафар ба имзо расидани Шартнома байни Ҷумҳурияти Қазоқистон ва Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз хусуси қитъаҳои ҷудогонаи сарҳадҳои давлатии байни қазоқистониву ўзбекистонӣ ҷараёни мазкур анҷоми худро пайдо кард.

Вале он ин маъниро надорад, ки байни ду халқ монеаҳои оҳанин ба вуҷуд оварда шудаанд. Муносибатҳои дӯстона ва бародарона минбаъд низ таҳкими худро пайдо мекунанд.

Дар рафти мулоқоти Остона боз як ҳуҷҷати муҳим қабул гардид, ки он Эъломияи муштарак дар бораи иҷрои Шартнома дар хусуси дӯстии абадӣ мебошад, ки 31 октябри соли 1998 байни Ҷумҳурияти Ўзбекистон ва Ҷумҳурияти Қазоқистон ба имзо расидааст.

Баъди анҷоми маросими ба имзо расондани ҳуҷҷатҳо нишасти матбуотӣ барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавии маҳалливу хориҷа ороста шуд. Ислом Каримов ва Нурсултон Назарбоев ба саволҳои дахлдори паёмнигорон посух доданд.

—Ононе, ки изҳор намуданд, ки Ўзбекистон ва Қазоқистон ҳеҷ гоҳ ба фикри ягона дар бобати масъалаи делимитатсияи сарҳадҳои давлатӣ намеоянд, баъди шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳое, ки ба имзо расиданд, мефаҳманд, ки ба фикри хато роҳ гузошта будаанд,—гуфт аз он ҷумла сарвари давлати мо.

Сарвари Ўзбекистон ҳамроҳи Президенти Қазоқистон ба пояи ҳайкали ҳифозатгарони Ватан гулдаста гузошт.

Маҷмӯи «Байтерек» рамзи ба худ хоси шаҳри Остона ба ҳисоб меравад. Дар фарҷоми сафари худ Ислом Каримов ба ин иншоот ташриф овард. Баландии он 97 метр мебошад, ки аҳамияти рамзӣ дорад. Соли 1997 пойтахти Қазоқистон аз Алматӣ ба Остона кӯчонда шуд. Ба маҷмӯи «Байтерек», ки 29 августи соли кунун ба истифода супурда шудааст, аз байни сарварони давлатҳо Президенти Ўзбекистон аввалин шуда қадам партофт.

Бо ҳамин сафари расмии Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ба анҷом расид. Дар майдони ҳавоии Остона сарвари давлатамонро Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев гусел намуд.

**О.РАҶАБОВ,**
**мухбири махсуси ЎзА.**
**Тошканд—Остона—Тошканд.**

## Шаҳрисабз: тайёрии фаъолона ба ид

**Баъди шаш моҳи эълон гардидани қарори Девони Вазирон «Дар бораи тайёрӣ ба қайди 2700-солагии ҷашни шаҳри Шаҳрисабз» дар ин шаҳри таърихӣ бисёр корҳои бунёдкорона ба иҷро расиданд. Аз он ҷумла, маҷмӯъҳои ёдгории Оқсарой, Доруттиловат, Дорусаодат, мадрасаи Чӯбин, ки намунаи аз ҳам волои меъмории миллӣ ба ҳисоб меравад, таъмир гардиданд, аз нав барқарор ёфтанд. Ба шаҳомот, нодирии оройшии усули шарқона дар тӯли бисёр асрҳо ин иншоотҳо саросари ҷаҳонро ба ваҷд овардаанд.**

Ба муносибати тайёрӣ ба ҷашн корҳои бунёдкориву ободонӣ дар кӯчаҳо, хиёбонҳо, маҳаллаҳо авҷ гирифтаанд. Дар бадали сипаришуда дар шаҳр бисёр корҳои бинокориву васлгарӣ дар ҳаҷми қариб 2 миллиард сӯм ба иҷро расонда шуданд. Аз нисф бештари ин маблағ барои таҷдид ва барқарор кардани ёдгориҳои таърихӣ, боқимондааш ба корҳои бунёдкорӣ ва ободонӣ сарф шуданд.

Дар ин бора сухан дар маҷлиси навбатии Кумитаи ҷумҳурии тадорук оид ба тайёрӣ ва гузарондани 2700-солагии ҷашни шаҳри Шаҳрисабз рафт. Маҷлис таҳти сарпарастии ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тулаганов гузашт. Дар он масъалаҳои алоқаманди иҷрои корҳои бунёдкорӣ, таҷдидӣ, ободонӣ ва ташкилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ба сарварони масъул фармоиши дахлдор оид ба оҷилан ҳаллу фасл намудани муаммоҳо ва камбудиҳои мавҷуда дода шуданд.

Дар маҷлис ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ҳ.Кароматов, ҳокими вилояти Қашқадарё Б.Ҳамидов иштирок намуданд.

**(ЎзА).**

## Муносибатҳои нав муназзам инкишоф меёбанд

Чанд рӯз боз дар мамлакати мо ҳайати вакилон таҳти сарпарастии ҷонишини калони вазири молияи Ҷопон Такайоми Танигучи меҳмон мебошад. Ҷоиз аст зикр намоем, ки Вазорати молия дар Ҳукумати Мамлакати тулӯъи Офтоб мақоми муҳимро ишғол менамояд. Масъалаҳои молия, соҳаи бонк, гумрук, андоз, суғуртаи миллӣ ва ҷиҳати байналхалқӣ дошта аз ҷониби назорати мазкур мутобиқ гардонда мешавад ва аз самти мазкур буҷаи мамлакат таҳия меёбад ва иҷрои он таъмин мегардад.

Ҳайати вакилон дар як қатор вазорату идораҳои Ўзбекистон мулоқоту вохӯриҳо гузарონданд. Аз он ҷумла, дар рафти сафар байни вазоратҳои молияи ҳар ду мамлакат ва Бонки таҷдиду тараққиёти Аврупо ба мақсади ҷонибдории хусусигардонии «Асакабанк» аз тарафи Ҳукумати Ҷопон изҳорот дар бораи ҷудо кардани грант имзо шуд. 6 сентябр бошад, дар қароргоҳи Оқсарой меҳмононро Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов пазируфт.

—Мо шумороро на танҳо чун аъзои роҳбарияти Вазорати Молия, балки ҳамчун молияшиносу вакили халқи парлумони Ҷопон мешиносем, ки дар бобати қабул кардани қарорҳои муҳим нақши калон мебозад,—гуфт ҳангоми мулоқот Ислом Каримов.—Ва мо ин сафарро ҳамчун воқеае арзёбӣ мекунем, ки идома ёфтани рушди муносибатҳои нави моро тасдиқ мекунад. Мо дараҷаи кунунии равобити дуҷонибаро воло арзёбӣ менамоем.

Сафари расмии сарвари мамлакати мо ба Ҷопон охири моҳи июл муносибатҳои мутақобилаи моро ба дараҷаи нав баланд бардошту баъди воқеаҳои 11 сентябр аллакай ба роҳи рушди муназзамӣ ворид гардонд.

Дар рафти сафар 14 ҳуҷҷат ба имзо расид. Дар вохӯрии қароргоҳи Оқсарой зикр ёфт, ки бомуваффақият ба анҷом расидани сафар минбаъд ба равобити ҳамаҷониба такони нав ва суръати баланд мебахшад.

Бо қаноатмандӣ зикр кард, ки ҳамкории иқтисодии байни мамлакатҳоямон босуръат инкишоф меёбад, меҳмон таъкид намуд, ки ҷониби Ҷопон минбаъд низ барои вусъат додани равобит бо Ўзбекистон дар ҳамаи соҳаҳо тайёр аст.

Дар мулоқот оид ба масъалаҳое мубодилаи афкор ба амал омад, ки ба ин мавзӯъ дахл доштанд.

**(ЎзА).**

## Баҳри ояндаи замин

**Дар шаҳри Йоҳаннесбурги Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ гирдиҳамоии намояндагони 189 кишвар ба амал омад, ки он аз 26 август то 4 сентябр барпо шуда, ба тараққиёти устувори ҷаҳонӣ ва сатҳи ҳаёти башарият, инчунин захираҳои табиии Замин бахшида шуд.**

Дар анҷумани ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид роҳбарони давлату ҳукуматҳои беш аз сад кишвар низ ширкат доштанд, ки ҳозир будан дар он барои ҳар як ҳукумат гӯё ба ин масъалаҳои фавқулоддаи аҳли башар ва табиат бефарқ набудани онҳоро далолат менамуд.

Дар ҳоле ки аз таъсири тараққиёти саноати кишварҳои дунё бар асари хориҷ намудани газҳои зарарнок иқлими табиӣ аз меъёр зиёд гарм гардида, барфу пиряххоро беш аз ҳаҷми зарурӣ ва муқаррарӣ ба об табдил медиҳанд, сатҳи уқёнусҳои ҷаҳон боло меравад. Ва натиҷаи даҳшатбори онро мо ҳатто имрӯз мебинем, ки чӣ гуна дар Қафқози Шимоливу ҷануби шарқии Русия, Урупо, ҷануби шарқии қитъаи Осиё ва ҳатто дар рӯзҳои охир дар баъзе аз мамлакатҳои Амрикои Ҷанубӣ дарёҳо аз маҷроҳои худ лабрез гардида, чӣ қадар шаҳру деҳот ва зироатро зери об гузошта, ба миллиардҳо евро зарари моддӣ расонданд. Дар баъзе аз минтақаҳои Урупои Шарқӣ дарёҳо аз сатҳи худ то 5-6 метр боло рафта, дар натиҷа маконҳои таърихӣ ва наклиётҳои зеризаминӣ (метро) то ҳадди зиёд зарар диданд ва аз кор баромаданд.

Маҳз бо мақсади кам кардани ҳаҷми партови гази саноатӣ бо номи Конвенсияи Киото соли 1997 дар Ҷапон қароре қабул карда шуд, ки бо вуҷуди дастгирӣ намудани ин ғоя баъзе аз давлатҳои мутараққии ҷаҳон, ки зиёдтар аз дигарон партови газ хориҷ мекунанд, мисли Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, онро тасвиб (ратификатсия) накарданд. Ва дар чунин маҷлиси СММ, ки соли 1992 дар Рио де-Жанейрои Бразилия барпо шуда буд, роҳбарон ва вакилони давлату ҳукуматҳо то ба дараҷаи соли 1990 кам кардани партови гази зароварии саноатиро ба ӯҳда гирифта буданд. Аммо чунин азму кӯшиш то на дар ҳамаи он мамлакатҳо ба назар мерасад.

Ҷиҳати дигари кори Йоҳаннесбург аз баррасии вазъи мамлакатҳои қашшоқ иборат буд. Имрӯз дар ин бобат ҳатто байни мамлакатҳои сарватманду мутараққӣ як мавқеи дақиқ вуҷуд надорад, зеро баъзе аз онҳо барои кишварҳои қашшоқ ба он сабаб сармояи кӯмак ҷудо кардан намехоҳад, ки ба пиндори онҳо дар ин мамлакатҳо дасти коррупсия ҳамеша боло буда, мактабу сохтори демократӣ хеле заиф аст. Ва аз ин боис давлатҳои донор боварӣ надоранд, ки ин кӯмаки онҳо то ба аҳли васеи ҷамъият рафта мерасад.

Маҳз чунин пиндору андешаҳо маҷбур месозад, ки вазъи мамлакатҳои қашшоқ боз заифтар гардида, аҳволи аҳли он кишварҳо боз ҳам тоқатфарсотар гардад. Танҳо аз ифлосии муҳити зист соле беш аз 3 миллион кас ҳалок мегардад.

Ба таъбири раиси маҷлиси Йоҳаннесбург, роҳбари садорати масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ Нитин Десай «агар мо барои ислоҳи тараққиёти номуназзами имрӯз накӯшем, бехатарии ояндаи Замин ва сокинони онро зери хатар мегузорем».

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**шореҳи «Овози тоҷик».**

Қаҳрамонҳои Ўзбекистон

## Устоз аз падар ҳам бузург аст



Агар сухан дар бораи Марат Зокиров равад, ӯро ҳатман ҳамчун ташаббускор ва тадбиргар ба забон мегиранд. Ӯро хурду калони вилояти Ҷиззах баробари ин омӯзгори соҳибтаҷриба, татбиқгари навгониҳои соҳаи таълим ҳурмат мекунанд, нағзаш мебинанд.

Марат Зокиров омӯзгорест, ки дар тарбияи авлоди баркамол саҳми калон мегузорад. Мураббии пиру бадавлат аст.

Устоз дар солҳои мухталиф дар вазифаҳои гуногун кор карда, ба бисёр корҳои савоб сару сарварӣ кардааст, барои рушди вилоят, алалхусус соҳаи таълими он то қадри ҳол саҳмгузор гардидааст.

Солҳои охир Марат Зокиров ба мактаби рақами 36-уми ба номи З.Норматов роҳбарӣ кардааст. Таҷрибаи андӯхтаашро бо ҷамоаи омӯзгорон ба ҳам дидааст. Барои аз омӯзгорони бемасъулият халос шудан корҳои зиёдеро ба иҷро расондааст. Дар бораи сайқал додани маҳорати хеш серталабӣ зоҳир карда, онро аз дигарон ҳам талаб кардааст. Оқибат дарс барои зарурат не, балки барои машғулияти зебо мубаддал гардидан хизмат кард. Ӯ ҳар як дарсро маҳсули маҳорат пиндошт ва ин хислати хуб ба назари ҳамагон афтод. Мактаби ба номи З.Норматов ба яке аз муассисаҳои таълими намунавии вилоят мубаддал гардид.

Соли 1995 дар назди Донишкадаи омӯзгорӣ литсеи «Бачагони қобилиятнок» дари худро боз намуд. Марат Зокиров ба ин муассиса сарвар интихоб шуд. Алҳол дар ин даргоҳ ҷавононе таҳсил мекунанд, ки ташнаи илманду бо қобилияти нодири худ ҳамаро дар ҳайрат гузоштаанд. Литсей пурра бо компутер таъмин гардидааст ва дар ин бобат саҳми Марат Зокиров ниҳоят калон аст.

Муассисаи мазкур ба шабакаи иттилоотии «Интернет» пайваст гардидааст. Ба туфайли саъю кӯшиш, ғайрати пайвастаи Маратака даргоҳи мазкури таълимӣ ба муассисаи намунавӣ мубаддал гардидааст.

Омӯзгори соҳибтаҷриба алҳол аз баҳори 64-уми худ гул мечинад. Ба солиёни зиёд доштанаш нигоҳ накарда, ҳамеша дар даву ғеҷ. Баробари устози меҳрубон, сарвари тадбиргар ва омӯзгори фидоӣ будан Маратака сутуни мустаҳками оила аст. Бо ҳамсараш Мӯътабарапа даҳ нафар фарзандро ба камол расонданд, ки ба онҳо ҳаваси ҳамагон меояд.

Хизматҳои калони Марат Зокиров дар соҳаи таълиму тарбия муносиб қадр карда шуд. Дар арафаи ёздаҳсолагии истиқлолияти Ўзбекистон ба унвони фахрии «Қаҳрамони Ўзбекистон» тақдир гардид. Шогирдон, ҳамкорон дар назди шуҷоату матонати устоз сари таъзим фуруд мееоваранд.

**Дар сурат: Марат Зокиров** дар ҳалқаи аҳли байт.

**Матн ва сурати Илҳом Тӯраев (ЎзА).**

## Вусъати ҳамкорӣ

**Дар Вазорати равобити берунии иқтисодӣ байни ҳукуматҳои Ўзбекистон ва ИМА маросими ба имзо расондани созишнома дар бораи ба мамлакати мо ҷудо кардани 90 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзии арзиши умумиаш 39,1 миллион доллар ба амал омад. Ба ҳуҷҷат вазири равобити берунии иқтисодии Ўзбекистон Элёр Ғаниев ва Сафири Фавқулоддаву Мухтори ИМА дар Ўзбекистон Ҷон Хёбрст имзо гузоштанд.**

Мувофиқи лоиҳае,ки дар доираи Барномаи Соктион 416 (Б) Ҳукумати ИМА амалӣ мегардонад, дар вақтҳои наздик ба мамлакати мо 56 ҳазор тонна лӯбиё, 30 ҳазор тонна гандум ва 30 ҳазор тонна шири хушк оварда мешавад. Лӯбиё ва гандумро бо усули тендери кушод мефурӯшанд. Маблағи аз он ҳосилгардида ба мақсадҳои зерин—дар ҳаёт татбиқ кардани лоиҳаву барномаҳои муштараке, ки дар соҳаи кишоварзӣ байни Ўзбекистон ва ИМА амалӣ гардонда мешаванд, таҳияи барномаҳои нав, таъмини бехавфии маҳсулоти озуқаворӣ харҷ мегардад. Шири хушк бошад, байни муассисаҳои таълим ва тандурустии мамлакатамон тақсим мегардад. Ва он имконияти таъмин кардани 200 ҳазор нафарро бо маҳсулоти ширӣ фароҳам меоварад.

Ҳуҷҷатҳое, ки дар доираи сафари расмии Президенти Ўзбекистон Ислом Каримов ба ИМА моҳи марти соли кунун ба имзо расонда шуданд, асосҳои ҳуқуқии ҳамкории дуҷонибаро ғанӣ сохтанд ва таҳкурсии хуброе баҳри рушди минбаъдаи равобитамон гузоштанд. Дар маросими ба имзо расондани созишнома зикр гардид, ки торафт инкишоф ёфтани ҳамкорӣ байни Ўзбекистон ва ИМА натиҷаи ин сафар мебошад.

**(ЎзА).**

Ҳуқуқ ва ахлоқ

# Шаҳр бедарвоза нест

Содиқ панҷ моҳ боз бистарӣ аст. Пойҳояш кор намекунанд. Дар айвони барҳавои падар чашм аз сақф наканда рӯзро кӯр мекунад. Ба падару модари пираш ва ҳамсару писарчаҳои дӯстрӯяш, ки дар атрофаш ҷунбуҷӯл доранд, менигараду дилаш ба танг меояд. «Акнун чӣ мешуда бошад? Маблағе ки барои тӯи писарчаамон ғун карда будем, ба дорую дармон сарф шуд. Бо нафақаи волидон магар рӯз гузаронида мешавад?» Аз кунҷи чашмонаш ашк таровида ба болишт мерезад...

Модар ҳамаи инро мебинаду бо остини куртааш ашки чашмонашро пинҳон мекунад:

— Илоҳо хонаи золимон бисӯзад!,— аз дил мегузаронад ӯ.

Падар бошад бо чеҳраи мушавваш каланд мезанад, то ки ниҳолу кӯчатҳои бо ҳавас шинондаи писараш нашъунамо ёбанд. Суруди ғамангезро зери лаб замзама карда, ҳар замон рӯи арақшорашро пок карда ба писаре, ки такягоҳаш буду имрӯз боимдод сӯяш менигарад, нигоҳ мекунаду аламаш дучанд мегардад:

-Худоё зулмкунандагонро худат ҷазо деҳ!..

Содиқ дар назди хонаашон устохонаи мошинтаъмиркунӣ дошт. Мошинаҳои одамонро таъмир намуда, аз паи он рӯз мегузаронд. Боре ҷӯрааш Равшан ба хонаашон омада аз ӯ илтимос кард, ки ҳамроҳаш ба шаҳри Деҳнав раванд.

—Машина хариданиам, ҷӯраҷон! Дар Деҳнав нархи мошинҳо арзон, мегӯянд. Ту фарқи машинаҳоро хуб медонӣ, барои интихоб кардани машина ёриатро дареғ намедоштӣ.

Содиқ илтимоси дӯсташро дар замин намонд. Чунки ӯ ҳам барои қисмҳои эҳтиётӣ ба он ҷо рафтанаш лозим буд.

Бозори Деҳнав аз одам пур буд. Ба ҷӯраҳо мошини «Жигулӣ»-е писанд омад. Бо соҳиби машина савдоро пазонданд ва машғули пулшуморӣ шуданд. Аз кучое Турсун ном ҳамдеҳаашон, ки дар умури корҳои дохилаи ноҳия кор мекард, пайдо шуда, ба мошина харидор шуд. Вале дусад ҳазор сӯмаш нарасид.

—Ҳамин мошинро ман гирам, дусад ҳазор сӯм ба ман деҳ. Ту дафъаи дигар мегирӣ,..

—Ман аллакай мошинаро харид кардам, ака.

—Ҳоло ҳам сари вақт аст, фикр карда бин.

—Гуфтам-ку ака, харидам.

—Ҳӯ бача, дониста мон! Ҳамин дусад ҳазор сӯмро бо ду дасти адаб ба ман месупорӣ.

Ҷӯраҳо ба дуғу пӯписаи ӯ эътибор надода ба машина қисмҳои эҳтиётиро бор карданду сӯи манзилашон роҳ гирифтанд. Мили соат шаши бегоҳро нишон медод. Борони пуршиддат меборид. Вақте ки ба кӯчаи марказии шаҳр расиданд, ду нафар занро диданд, ки сару либосашон тар шуда аз раҳгузарон имдод мепурсиданд.

—Бечораҳо, шип-шипта шудаанд, як кори савоб кунем? Равшан мошинро нигоҳ дошт. Занҳо илтимос карданд, ки то беморхонаи «Ёрии таъҷилӣ» баранд. Дар назди беморхона мошинаи Турсун меистод. Баъди аз мошина фаромадани занҳо, аз қафои мошинаи Турсун Амрулло ном коркуни умури корҳои дохилаи ноҳия баромада омад ва омирона ба бачаҳо «Ба шӯъбаи корҳои дохилӣ!» гуфт. «Чаро?» «Баъд мефаҳмед?» Баъди каме роҳ гаштан боз як низомипӯши дигар даст бардошт ва бо исрори Амрулло ӯро ҳам ба машина савор карданд.

Равшан нохушиеро ҳис намуда, машинаро сӯи хонаашон ронд. Падару модари Равшан ба ҳарос афтода хостанд ба прокуратура хабар диҳанд. Лекин Амрулло ва Чорӣ гуфтанд:

—Хола, тағоӣ, ҳеҷ ташвиш накашетон, инҳо моро то ҷои корамон мебаранд, шуд таги борон намонем! Модари Равшан ҳам ба мошин савор шуд. Амрулло аз машина фаромада дарҳол «Группа!» гӯён фарёд зад. Даҳ-понздаҳ нозир аз бино давида баромада дасти Равшану Содиқро тоб дода, ба замин хобониданд, баъд кашолакунон ба бино даровварданд. Модари Равшан доду фарёд кард, вале ҳеҷ кас эътиное намекард. Содиқ мамониат нишон доданӣ шуд, лек Чорӣ бо оринҷи даст ба миёни ӯ зада афтонд, дигарон лагадкӯбаш карданд. Аҳволи Равшан ҳам ҳамин тавр буд. Аз шиддати зарбаҳо Содиқ аз ҳуш рафт...

—Ба худ биёмад, соат сеи шаб будааст. Маро кашолакунон ба қабати дуюм баровварданд,- бо азоб нақл намуд Содиқ.

Амрулло, Чорӣ, Турсун ва боз ду се каси дигар Равшанро зада пурсиш мекарданд. Баъд аз мӯям кашида сарамро ба стол заданд. Гуфтам: гуноҳам чист? Гуфтанд: «Ҳоло намедонӣ?» Надонӣ бидон. Ту ба номуси занҳо таҷовуз кардаӣ?! Ман ҳайрон шудам: «Кадом занҳо?» «Заноне, ки бо мошин ба беморхона овардед». «Астағфуруллоҳ! Онҳо ҳамсинни модаронамоянд. Ба болои ин ба афту ангори онҳо нигоҳ кардани кас нашояд. Онҳо хонаро тарк карданд. Ба хона ду нафар зан, ки мо барои савоб онҳоро то беморхона бурда будем, даромаданд:

—Подоши некии мо ҳамин буд, магар, нокасон! —гуфт Равшан.

—Бубахшед, бачаҳо. Мо ҳам рӯз гузарониданамон лозим. Инҳо ба мо ҳамин тавр супориш доданд...

Нозирон даромаданд.

—Хӯш, ба айбатон иқроред?

—Акаҷон, моро парронда кушед, сарамонро буред, лекин ин гуна тӯҳмат накунед!

—Набошад, нашъа истеъмол мекунам, мефурӯшам, гуфта нависед.

—Ҳаргиз!

—Молҳои дар магазин бударо дуздидем гуфта нависед, ин сабуктар!

—Чаро охир?

Моро боз заданд. Миёнам дард мекард. Фақат ба қафо нигоҳ мекардам, чунки дар қафоям қирраи диван меистод. Амрулло ба шикамаш бо тамоми қувва лагад зад. Миёнам ба қирраи диван зада дарди ҷонкоҳеро дар вуҷудам ҳис кардам. Дигарашро намедонам, дар беморхона чашм кушодам.

—Беморхонаи ноҳия ҷавонони мадҳушро қабул накард. Гуфтанд «инҳо бемори мо нест» ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд падари Содиқ. Шабонгоҳ қариб 130 км роҳро тай карда, ба беморхонаи вилоят бурдем. Онҳоро ба шӯъбаи «реаниматсия» қабул карданд. Чиҳилу панҷ рӯз даво карданд. Ҷароҳати Равшан сабуктар будааст, ӯ мисли пештара корашро давом дода истодааст. Лекин писари бечораам фалаҷ шудааст. Ба ташкилотҳои болоӣ мурочиат намудем. То панҷ моҳ натиҷае нашуд. Як адвокати (додгустариш) хуб гирифта будем. Ӯ гуфт, ки прокуратура нисбати инҳо парвандаи ҷиноӣ кушодааст. Акнун он сабукандешон омада боисрор аз Содиқҷон «даъвоям нест», гӯён хат навишта доданашро илтимос карда истодаанд. Писарам низ ҷавоби ҳаққонӣ дод. «Маро ба по хезонед, ман аз бахри даъвоям мегузарам» гуфт. Канӣ, парвардигор ба дардаш шифо медоду аз бахри ҳар гуна даъвову аризаҳо мегузаштам.

—Шаҳр бедарвоза нест! Онҳо бояд, мувофиқи кирдорашон ҷазо гиранд! Модари Содиқ ин дафъа бо овози баланд гиря карда нозирони худсарро дуои бад мекард...

**Улдон ҚАРАЕВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

# Турфа олам

## Доруи даво барои маризиҳои сахт

Тамара Воробёва академики россиягӣ буда, солиёни дароз дар бобати пешгирӣ кардани маризиҳои хавфнок тадқиқот пеш мебарад. Ба қарибӣ вай доруеро таҳти унвони «Ватурид» офарид, ки бо кӯмаки он саратони акнун оғозёфта, варамҳои мухталиф, касалии тарбод, полиартрит, диққи нафас ва ҳатто СПИД-ро дар вақти муайян табобат кардан мумкин аст.

Ҳамагон хуб медонанд, ки дар ҳар як организми зинда ба ҳисоби миёна 13 миллиграм симоб мавҷуд аст. Ва ҳамин симоб организмро аз ҳар гуна микробҳои маризиҳои гузаранда ҳифз мекунад. Кам шудани миқдори симоб бошад, дар организм боиси осеб дидани ҳуҷайраҳо мегардад ва хоҳу ноҳоҳ маризиҳои мухталиф сар мезананд. «Ватурид» бошад, дар таркибаш симоби фаровон дорад. Аз ин рӯ дар Россия дар бобати дар ҳаҷми зиёд тайёр кардани он тамоми имкониятҳо сафарбар мегардад.

Академики россиягӣ барои ин доруяш 20 патент гирифтааст. Махсусан америкоиён аз паи ба даст овардани ин доруву кӯч бандондани Воробёва мебошанд. Вале академики россиягӣ мамлакати худ, Петропавловски худро аз ҳама чиз авлотар дониста, дар ҳамин ҷо монда меҳнат карданро барояш маъқул мепиндорад. Вай иброз дошт, ки барои вай пулу мол даркор нест. Самараи меҳнати хешро дар рӯҳияти одамон дидан барояш афзалтар мебошад. Охир боигарӣ чирки даст аст, аммо кори нек абадан боқӣ мемонад.

## Зарари телевизор

Телевизор ва барномаҳои он фарзандонамонро фарбеҳ, кундзеҳн ва бешафқат мегардондааст. Ба ҳар ҳол дар Австралия тадқиқот гузаронда, ба чунин хулоса омадаанд. Зеро кормандони тибби маҳаллӣ баъди ба рӯи об баромадани назорати мухталиф чунин хулосаро ба ҳукми умум пешкаш карданд ва аҳли ҷамъият ба ин фикр ҳамовозии гарму ҷӯшони худро баён сохт.

Аз хабари воситаҳои ахбори оммавии мамлакат маълум мегардад, ки дар ин ҷо ҳатто кӯдаки чормоҳа ҳам ба телевизор «руҷӯ» кардааст. То ба синни панҷ расидан кӯдакон ба ҳисоби миёна ҳар рӯз ду соатӣ вақти худро ба тамошои телевизор сарф мекардаанд.

Бозиҳое, ки дар телевизор намоиш дода мешаванд, одатан барои маҳв сохтани бозиҳое хизмат мерасондааст, ки то ҳол дар байни бачагон маҳбубияти калон доштаанд. Баъди тамошои филмҳои мухталиф, аз он ҷумла филмҳои соҳаи детектив бачагон бешафқатӣ, зӯроварии худро намоиш дода, ба қаҳрамонҳои ин филмҳо тақлид мекардаанд. Ва он офати сахт барои ҷамъият мегардад.

## Асрори хонаҳои баландошёна

Тадқиқотҳо собит мекунанд: маризиҳое, ки сокинони хонаҳои баландошёна баҳра мебардоранд, вақтҳои охир ҳам ҳаҷман ва ҳам навъан афзудаанд. Маризиҳои мазкур пештар дар қитъаҳои Америкову Аврупо маъмул буданд. Вақтҳои охир ба қитъаи Осиё ҳам «кӯч» мебанданд.

Тадқиқотҳое, ки дар Ҷакарта гузаронда шуданд, инро бори дигар тасдиқ намуданд. Ҳарчанд одамон дар манзилҳои зебо зиндагӣ карда, утоқҳои хонаҳои баландошёна ба чизҳои табиӣ оро дода шаванд ҳам, вале аксари сокинони ин манзилҳо ба касалиҳои оммавӣ, аз қабили дарди сар, сустдармонӣ, дарди миён, шамолхӯрӣ дучор мешаванд.

Сабабаш ҳам маълум, дар маъвоҳои баландошёна пеш аз ҳама муовизаи ҳаво ба қадри кофӣ нест, дар атрофи биноҳо гази карбонати ангит бештар ҷамъ мешаванд.

Олимони ҷакартагӣ хулосаҳои олимони ҷопониро ба инобат гирифта ба чунин қарор омаданд: оилаҳое, ки фарзандони мактабхон доранд, ҳатман бояд аз ошёнаҳои поёнӣ ҷо пайдо кунанд. Чунки бачагоне ки дар ошёнаҳои баланд истиқомат доранд, нисбат ба бачагоне, ки дар ошёнаҳои поёнӣ зиндагӣ мекунанд, аз ҷиҳати ҷисмонӣ суст ривоҷ меёфтаанд. Маълум гардид, ки 80 фоизи бачагоне, ки то ошёнаи панҷум зиндагонӣ мекунанд, ҳангоми аз се то панҷ сол доштан, худашон мустақилона чизу чораашонро пӯшида метавонанд. Ҳамин қабил бачагони синну сол доштаву то ошёнаи понздаҳум истиқоматкунанда бошанд, аз ӯҳдаи ин кор мустақилона баромада наметавонанд. Тавофут байни онҳо дар бобати ба ҳар гуна маризиҳо дучор шудан калон аст. Бачагоне, ки дар ошёнаҳои баланд истиқомат мекунанд, бештар аз дарди сар, гулӯ, шамолхӯрӣ ва аз ҳама муҳимаш аз кунд будани зеҳни худ бештар шикоят мекунанд.

Сабаби онро олимон пеш аз ҳама дар ҳавои соф кам сайр кардани бачагон, камҳаракатии онҳо тавзеҳ медиҳанд. Чунки ин қабил тоифа бачагон қариб ки бо бозиҳои дӯстдоштаи худ дар ҳавлӣ машғул намегарданд.

## Муфидии нургирӣ

Одатан нургириро духтурон барои организми инсон зарари калон мепиндоранд. Вале корманди Фарҳангистони улуми Русия, олими радиобиолог Александр Кузин ба олимони пажӯҳишгоҳи биофизикаи ҳуҷайраҳои ФУ тадқиқотҳои якҷоя гузаронда, баракси ақидаи болоӣ будани худро баён кард. Вай дар натиҷаи тадқиқотҳо ба он хулоса омад, ки дар натиҷаи аз дозаи хурди нур баҳра бардоштани организми инсон ҷараёни нашъунамои хуҷайраҳо баланд гардида, гирдоби барқӣ ба вуҷуд меомадаасту оқибат низоми биологӣ ба паҳн кардани ахборот мусоидат мекардааст. Яъне ҷараёни мазкур воситаи муҳими бо «ахборот» таъмин кардани тамоми узвҳои мавҷудоти зинда будааст. Агар ин ҷараён набошад, дар он сурат мавҷудоти зинда худро ноҳинҷор ҳис карда, ба гирдоби ғаму андӯҳ кашида мешудааст. Олимон таҷрибаи худро дар манзили деворҳояш қӯрғошимин гузаронда, фикри худро исбот карда доданд. Онҳо ба он хонаҳо ҷонзотҳоро сар дода, саломатиашонро муоина карданд. Ҳайвонҳо худро бад ҳис карда, ҳатто барои сӯрох кардани он ҷуръат пайдо карданд. Аз ин рӯ аз нурҳо истифода бурдан ҳам ба одамизод ва ҳам тамоми мавҷудоти зинда муфид будааст.

# «Матиз» ба чапандози ғолиб

1 сентябр-Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон дар шаҳраки Қаҳрамони ноҳияи Ҷиззахи вилояти Ҷиззах бахшида ба ин санаи фархунда майдони асптавонӣ мутантан кушода шуд. Дар ин тамошогоҳ, ки ба 5 ҳазор нафар мухлис таъин гардидааст, баромади асптозон, тай кардаи масофа баробари бартараф намудани ғавчӯбҳо ва ҳамчунин бузкашӣ ба амал омад.

Ҳангоми бузкашӣ ба шахсе, ки панҷ маротиба бузро ба манзил мерасонад, мукофоти махсуси ҳокимияти вилоят-автомобили «Матиз» таъсис гардид. Ва он ба чапандози ғаллаоролӣ Шертой Сувонов насиб гардид.

Дар мусобиқаҳои бузкашӣ ва асптавонӣ, ки ташаббускорони созмон додани он Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Федератсияи варзиши соҳаи асптавонӣ ва ҳокимияти вилоят буданд, намояндагони тамоми вилоятҳо ва меҳмонон аз Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон иштирок намуданд, ки миқдори онҳо аз ҳазор нафар зиёд буд.

Дар мусобиқаҳо намояндагони клубҳои варзишии асптавонии «Файз», «Амон», «Ширкати Зайниддин Шаропов ва дӯстони он», «Ҷоной клуб» ва фирмаи ба номи Улуғбек фаъолона иштирок намуданд.

**Дар сурат:** соҳиби мукофоти «Матиз» **Шертой Сувонов.**

**Матн ва сурати**
**Муҳаммад АМИН (ЎзА).**



# Афсонаи зиндаи халқи Ҷопон

Ба Академияи бадеии Ӯзбекистон аз Директори иҷрокунандаи департаменти санъат ҷаноб Масахико Норо дар бораи аз тарафи хазинаи гранти Ҷопон бо мақсади моҳи декабри соли 2002 дар Тошканд гузаронидани намоишгоҳи «Роҳи азими абрешимии рассоми Ҷопон» ҷудо кардани 1 млн.йен хабар расид.

Экспозитсияи вернисажи шахсии рассоми машҳур, сайёҳ-тадқиқотчӣ ва арбоби ҷамъиятии Ҷопон Икуо Хираямаро 40 асари манзаравӣ ташкил мекунад. Рассоми дастпарвари донишгоҳи миллии санъат ва мусиқии Токио мебошад.

Икуо Хирраямаро таърихи зиндаи халқи Ҷопон гӯем, муболиға намешавад. Дар ин бора муваффақияту унвону корҳои наҷиби ӯ, ки нисбати таърихи мамлакату халқҳои ҷаҳон бахшида шудаанд, нақл мекунанд. Рассом беҳуда якумин аъзои фахрии Академияи бадеии Ӯзбекистон интихоб нашудааст. Дар айни вақт Икуо Хираяма бо медали тилло ҳам қадр карда шудааст, ки аз дӯстии беғаразн байни рассоми халқи Ӯзбекистон ва меҳмоннавозӣ ва қадршиносии ӯзбекистониён гувоҳӣ медиҳад. Ӯ ҳамчун устоди моҳири мӯйқалам дар инкишофи робитаҳои маданияти ҳарду халқ саҳми арзандае гузоштааст. Ӯ дар зарфи сафарҳояш ба Ӯзбекистон тамошобини ӯзбекро бо асарҳои манзаравии худ шинос кардааст. Бо иштироку дастгирии Икуо Хираяма дар мавзӯи «Роҳи азими абрешим» дар шаҳрҳои калони кишвари офтобрӯя виставкаҳо ташкил дода шудааст. Дар экспозитсияи онҳо осори атиқаи санъати қадима ва асримиёнагии коллексияи илмии Институти илмӣ-тадқиқотии санъати Академияи бадеии Ӯзбекистон намоиш дода шудаанд.

Манбаи эҳсосоти волои рассом чист? Эҳтимол, ин манбаъ дар завқи касбии рассом ба бутпарастӣ бошад. Зеро ба ӯ ҳамчун мутахассис мавқеи оламшумули роҳи азими абрешим дар паҳн гардидани ин таълимот дар Шарқ маълум аст. Дар ин бора ҳиссаи гузаштагони халқи ӯзбек—тарғибкунандагони суғдию буктрӣ, инчунин савдогарон низ беқиёс аст. Чи тавре ки маълум аст, ба туфайли миссионерон дар асри I эраи мо ин таълимот ба Чин, дар асри IV ба Куриё ва дар мобайнҳои асри VI ба Ҷопон расида меояд. Ҳудуди Ӯзбекистон бошад, дар вақти худ (тақрибан 20 аср муқаддам) воситаи ба Шарқ роҳ гирифтани ин дин ба Шарқ буд. Икуо Хираяма ҳомии кофтуковҳои ҳафриётӣ мебошад, ки чанд сол боз якҷоя бо олимони ӯзбекистониву ҷопонӣ дар шаҳрчаи машҳури Далварзинтепа гузаронда мешавад. Бо ёрии молиявии ӯ навбати аввали бинои мӯҳташами Карвонсарои маданӣ дар Тошканд (таҳти назорати Академияи бадеии Ӯзбекистон) сохта шуда алҳол сохтмони навбати дуюми он идома дорад. Дар ин ҷо ду марказ илмӣ (бо китобхона) ва санъати бо галлерея бунёд мегардад, ки дар онҳо асарҳои рассомон, ҳайкалтарошон, кандакорони Ӯзбекистон ва хориҷа инчунин бозёфтҳои ҳафриётчии экспедитсияи санъатшиносони Ӯзбекистон ва экспедитсияи Тохаристонии Институти санъатшиносии Академияи бадеӣ намоиш дода мешаванд. Инак, лоиҳаҳои эҷодии ӯзбекистонию ҷопонӣ, ки ба инкишофи маданиятҳои ҳарду халқ нигаронда шудааст, ҷомаи амал мепӯшанд.

Дар китобхонаи Карвонсарой аллакай нашрҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ чанд ҳазор нусхаро ташкил медиҳанд, чоп гардидааст. Аз онҳо беш аз 200 китоб, ки ба ёдгориҳои таърихӣ, маданӣ, ҳафриётӣ, асарҳои санъати сар то сари роҳи азими абрешим бахшида шудаасту онҳоро Икуо Хираяма ҳамчун тӯҳфа дар нимаи аввали соли ҷорӣ фиристондааст, мебошад. Эҷодиёти Икуо Хираяма ба эътирофи умум сазовор аст. Асарҳои ӯ дар беҳтарин галлереяҳои бадеии мамлакатҳои ҷаҳон маҳфуз аст. Ӯ ҳамчун арбоби ҷамоатӣ низ маълуму машҳур аст, ки дар баҳамназдикшавии маданиятҳои Шарқу Ғарб саҳми калон гузоштааст. Фаъолияти серқирраи ӯ бо мукофотҳои байналхалқӣ борҳо тақдир карда шудааст. Дар байни онҳо ордени Георгии муқаддас (Ватикан,1974) мукофоти «Барои хизматҳояш дар соҳаи ҳамкории маданӣ ва ҳифзи бозёфтҳои маданӣ (Фаронса,1991), мукофоти Форуми байналхалқии иқтисодии Давис (Швейтсария,1995) ва якчанд дигар мамлакатҳои ҷаҳон, мукофотҳои Ҷопон барои хизматҳояш дар соҳаи маданӣ ҳастанд.

Дар фаъолияти эҷодӣ ва ҷамоатии Икуо Хираяма ба тадқиқи мавзӯи Роҳи азими абрешим диққати алоҳида дода мешавад. Силсилаи асарҳои аз ҷиҳати бадеӣ ва мазмун беҳамтои рассом ба ин роҳи азими савдои байниқитъавӣ, ки халқҳо ва мамлакатҳои Аврупою осиёро аз даврҳои қадим, асримиёна баҳам пайвастааст, бахшида шудааст. Ҳангоми сафари мамлакатҳо рассом ба тамоми воқеаву ҳодисаи ба ҳаёти мардум вобастаро аз нигоҳаш дур намемонад. Расму русум, оини зиндагии гузаштагон, ҳаёти имрӯза, ёдгориҳои таърихӣ, бозёфтҳои ҳафриётчӣ, ки ҳаёти аҷдодонро ифода мекунад, дар эътибори рассом мебошад.

Ин ёдгориҳои таърихӣ, бозёфтҳои ҳафриётчӣ, боқимондаҳои шаҳру қалъаҳо, қасру ҳарамҳо, ҳайкалҳои буддо, нигоришҳои рӯи деворҳо, ки ҳангоми ҷустуҷӯҳои археологӣ дар Осиёи Миёна ва гирду атрофи он ҳеҷ касро бефарқ намегузорад.

Ҳамин тавр рассоми машҳур алоқаи канданошудании вақт-давру замонҳоро тадқиқ намуда, ба ононе, ки ба гузаштаи худ завқ доранд, дар бораи дарк намудани ҳодисаву воқеаҳои қарнҳо бо асарҳои эҷодкардааш ёрӣ мерасонад. Икуо Хираяма ба қаъри асрҳои гузашта назар афкандаро фароҳам меоварад. Фаъолияти рассом имкон медиҳад, ки сарҳад ва масофаи байни ҳамзамононамон, халқу мамлакатҳо паси сар карда шаванд. Зеро асарҳои ӯ қалби миллионҳо нафар одамони сайёраамонро ба ваҷд оварда онҳоро ба дилбастагӣ ба зебоӣ ва ваҳдат роҳнамун месозад.

**ОИ «Ҷаҳон».**

## Нахустнамоиш

Ҳунарварон ва аҳли эҷоди Театри миллии академикии ӯзбек як анъанаи нек доранд. Онҳо оғози мавсимро мудом бо нахустнамоиши асари нав сар мекунанд.

Анъанаи мазкур соли ҷорӣ низ халалдор нагардид. Онҳо ба саҳна асари «Як қадам роҳ»-ро гузоштанд, ки ба қалами нависанда Усмон Азим мансуб аст.

Асари мазкур аз хусуси хушу хурсандӣ ва ташвишу изтироби оилаи деҳотиён, муносибати байни волидону фарзандон, муаммоҳои байни ҳамсарон нақл мекунад.

Ҳамчунин аз асар мавзӯи нашъамандӣ низ ҷой гирифтааст, ки муаммои аз ҳама машҳури садаи кунун ба ҳисоб меравад. Алқисса, дар асар муаммоҳои хоси хонадони ӯзбек баён гардидаанд.

Асарро коргардон, Ҳунарвари шоистаи Ӯзбекистон Валиҷон Умаров ба саҳна гузоштааст.

Дар асар нақшҳоро ситораҳои санъати театри Ӯзбекистон бозидаанд ва он тамошогаронро бефарқ намононд.

**Дар сурат:** лаҳзае аз нахустнамоиши асари «Як қадам роҳ».

**Аксбардор: Алишер РИСҚИЕВ (ЎзА).**



Ҷоми Президент

# Кӯшиши навбатии «пиронсоли» мусобиқа

**Дар бозиҳои саракунӣ барои Ҷоми Президенти Ӯзбекистон шаш нафар аз довталабон ба марҳалаи асосии мусобиқа роҳхат гирифта, рӯзи душанбе бозиро якҷоя бо беҳтарин иштирокдорони мусобиқа шурӯъ карданд.Ва маросими кушодани мусобиқа низ дишаб, вақте ки ҳамин шумора саҳифабандӣ мегардид, ба амал омад.**

Ягона тағироте, ки дар рӯзҳои охир дар робита бо мусобиқа ба вуҷуд омад, ба Тошканд наомадани гурӯҳи теннисбозони Аргентина мебошад, ки ба бозии нимфиналӣ барои Ҷоми Дэвис омодагӣ мегиранд, ба лат хӯрдани варзишгарон истинод овардаанд, дар асл бошад, эҳтимол аз кӯфтагии ҷисмонии худ имкон пайдо накардаанд, ки дар Ҷоми Президент қувваозмоӣ намоянд. Инчунин Томас Юҳансони швед аз сабаби латхӯрӣ аз сафари Тошканд даст кашидааст.

Дар ин хусус дар нишасти матбуотӣ созмондиҳандагони мусобиқа хабар доданд, пас аз он қуръапартоӣ барои муайян намудани рақибони марҳалаи аввали Ҷоми Президент барпо шуд. Дар шабакаи рӯйхати теннисбозон Марат Сафин (Русия) ва Томми Ҳаас (Олмон) чун ду беҳтарин иштирокдори мусобиқа ба ду қутби рӯйхат ҷой карда шуда, баъдан барои муайян кардани ҷуфтҳои ҳарбу зарби аввал қуръакашӣ ба амал омад. Дар ин ҷо танҳо аз рақибони ду намояндаи Ӯзбекистон, ки бино бар наомадани гурӯҳи теннисбозони аргентинӣ якбора ба марҳалаи асосии он роҳ дода шуданд, зикр намудан меҳохем. Вадим Кутсенко бо Ноам Окуни исроилӣ дар бозии аввал қувваозмоӣ хоҳад кард. Теннисбози исроилӣ дар таснифи Ай-Тӣ-Пӣ ҳоло дар ҷои 114 мебошад, ки аз ин лиҳоз ӯ аз Кутсенкои мо, ки дар мақоми 146 ҷойгир аст, бартарияти зиёд надорад. Олег Огородов (135) бошад, дар бозии аввал ба ғолиби бозии саракунӣ В. Волчков (Белорус) рӯ ба рӯ гардида бозиро бохт: 6/2, 6/2.

Ба Марат Сафин низ ғолиби бозии саракунӣ «насиб» карда бошад, ракеткаи дуюми мусобиқа Томми Ҳаас дар қадами аввал бо Марк Россеи барои мо хуб шинос, ки борҳо дар корти «Юнусобод» қувваозмоӣ намудааст, рӯ ба рӯ мегардад. Ба Евгений Кафелников, ки бештар аз ҳамаи дигарон дар Ҷоми Президенти Ӯзбекистон ширкат намуда, ҳанӯз ягон дафъа ҳам комёб нагаштааст, ба тури аввал сатри 137-уми таснифи Ай-Тӣ-Пӣ Александр Васкеи олмониро ба қувваозмоӣ хоҳад пазируфт. Кафелников, ки аз маъруфтарин варзишгарони мусобиқаи мазкур мебошад, дар ҳама гуна мусобиқаҳои теннис ширкат намуда, аз ин қатор танҳо дар Тошканд ҳанӯз ба ӯ пирӯзӣ насиб накардааст ва ҳатто ҳоло тахминҳое вуҷуд дорад, ки Кафелников, ки аз соли 1992 дар тенниси касбӣ қувва озмуда меояд, ҳоло дар синни 28 мебошад, бо варзиш падруд хоҳад гуфт. Ва аз ин боис дафъаи нӯҳум Кафелников бори дигар кӯшиш хоҳад кард, ки билохира Ҷоми Президенти Ӯзбекистонро ба даст орад ва дар мусобиқаҳои бонуфуз шумораи ғалабаи худро ба 25 адад расонад. Аммо аввалин натиҷаи ғайричашмдошт он гардид, ки Николас Кифер, ки аз довталабони мусобиқаи Тошканд мебошад, бино бар дарди собиқи худ ҳатто як сетро бар зидди Кеннет Карлсони даниягӣ то ба охир расонда натавонист (2:5). Рӯзи аввали бозиҳои сети асосӣ чунин натиҷаҳоро овард: Сангвинеттӣ-Норман 4/6, 6/4, 7/6 (3); Столяров—Кетола 2/6, 7/6 (2), 6/2; Веркерк—Любчич 6/4, 6/2; Левӣ—Давиденко 6/4, 7/6 (9): Шутлер—Беск 6/1, 7/ 6 (5).

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Эсон Турдиқулов.
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*
*Рӯзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ӯзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 843.*
Теъдоди чоп 3000.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Х/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шӯъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: **А СУБҲОН.**
Мусаҳҳеҳон: ДОДОБОЕВА М. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Х. Тухтаева.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шӯъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кучаи Буюк Турон, хонаи 41.